Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

Таҳиқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло як пажӯҳиши мустақили эҷодии илмӣ оид ба яке аз мавзуи мубрами ҳуқуқӣ буда, натиҷаи корҳои зиёди таҳқиқотии муаллиф мебошад. Дар замони муосир баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа аҳамияти бештар касб намуда, дар раванди ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд нақши муҳимро касб намудааст. Маҳз чунин аҳамиятнокӣ боис бар он гардидааст, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ зери сиёсати пайвастаи роҳбарияти олии кишвар қарор дорад.

Рушди давлати демокративу ҳуқуқбунёд аз сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон вобаста мебошад. Гузашта аз ин волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳамзамон таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз сатҳи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вобаста мебошад.

Мавзуи диссертатсионии тақризшаванда дар шароити ислоҳоти соҳа ва раванди ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд саривақтӣ буда, барои ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ метавонад заминаҳои илмӣ ва назариявӣ гузорад.

Боби якуми диссертатсия – **«Мафҳум ва моҳияти шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби аввали боби якум – **«Шуури ҳуқуқӣ: мафҳум, сохтор ва функсияҳои он»** ном дошта, шуури ҳуқуқӣ баррасӣ гардидааст. Диссертант иброз менамояд, ки ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудонопазир буда, шуури ҳуқуқӣ дар баробари ҳуқуқ ба вуҷуд меояд ва инкишоф меёбад. Ҳамзамон қайд менамояд, ки ҳуқуқ ба шуури ҳуқуқӣ таъсир мерасонад, аммо дар навбати худ, шуури ҳуқуқӣ низ ба рушди ҳуқуқ ва риояи он таъсиргузор аст.

Муаллиф иброз менамояд, ки шуури ҳуқуқӣ шарти муҳимми фаъолити босифат ва натиҷаноки низоми ҳуқуқӣ буда, дар асоси он амалисозии вазифа ва мақсадҳои давлати ҳуқуқбунёд, таҳкими қонуният, татбиқи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

Навгониҳои барои ҳимоя пешниҳодгардида ба таври мушаххас ва сода баён намудааст. Аксарияти нуктаҳои илмии пешниҳодгардида, дар илми ҳуқуқшиносӣ нав буда, қобили дастгирӣ мебошанд. Ҷанбаи мусбии кор боз дар он ифода меёбад, ки муаллифи диссертатсия барои такмили қонунгузории амалкунанда ва санадҳои идоравӣ пешниҳодҳои илман асоснок манзур намудааст.

Зербоби дуюми боби якум – **«Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд»** ном гирифтааст. Муаллифи рисола дар асоси таҳқиқи масъала иброз намудааст, ки омӯзиши илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун заминаи асосӣ ва муҳимми шуури ҳуқуқии касбӣ дониста мешавад. Зеро заминаҳои воқеӣ, мукаммал ва комили донишҳои ҳуқуқӣ асоси шуури ҳуқуқии касбӣ мебошад. Ҳамзамон, иброз мегардад, ки омӯзиши пурраи падидаҳои ҳуқуқӣ, соҳаҳои ҳуқуқӣ ва аз худ намудани дониши мукаммали ҳуқуқшиносӣ, ҷиҳати дарки дурусти меъёрҳои қонунгузорӣ, татбиқнамоӣ ва натиҷагирии он мусоидат менамояд.

Дар идома иброз менамояд, ки дониши мукаммали ҳуқуқӣ ва сатҳи баланди касбияти кормандони МКД-ро ба рушди давлати демокративу ҳуқуқбунёд замина гузошта, ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ татбиқ гардидани қонунҳо асос мегардад.

Зербоби сеюми боби якум – **«Нақши таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ»** ном дорад. Муаллиф бар он назар аст, ки яке аз омилҳои асосии ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони МКД ин таълим ва тарбияи ҳуқуқии мақсаднок, низомнок ва муташаккилона мебошад. Таълим ва тарбияи ҳуқуқии кормандони МКД ба маҳорати баланди касбӣ, аз худ намудани арзишҳои бо қонун ҳифзшаванда ва баланд бардоштани масъулиятнокӣ дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ асос мегардад.

Муаллифи рисола иброз менамояд, ки тарбияи ҳуқуқии кормандони МКД ба пешгирии амалу кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии кормандони МКД мусоидат намуда, барои баланд гардидани масъулиятнокии онҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ замина мегузорад.

**Боби дуюми диссертатсия «Ҳолати муосир ва рушди минбаъдаи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми ин боб ба масъалаи **«Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ислоҳоти соҳа ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд»** бахшида шудааст. Дар зербоби мазкур нақши ислоҳоти милитсия дар ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони МКД мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин, дар идомаи таҳқиқот нақши ислоҳоти милитсия ҷиҳати бартарафсозии омилҳои манфӣ, аз қабили афзоиши ҳодисаҳои вайронкунии интизоми хизматӣ ва қонуният дар байни кормандони МКД, афзудани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо бо иштироки онҳо, шикоятҳои шаҳрвандон аз дағаливу кашолкорӣ ва дигар амалу рафтори манфии кормандони МКД муҳим арзёбӣ гардидааст. Муҳимтар аз ҳама роҳандозии ислоҳоти милитсия дар ҶТ боз як қадами

муҳим дар роҳи устуворсозии давлати демократу ҳуқуқбунёд ва такмили минбаъдаи низоми идоракунии он мебошад.

Диссертант бар он назараст, ки дар раванди ислоҳоти соҳа бо истифодаи тамоми имконотҳои мавҷуда ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониши назариявӣ ва маҳорату малакаи касбии кормандони МКД, ба сатҳу сифати таҳсил, дигаргӯн сохтани дарсҳои назариявӣ, зиёд намудани дарсҳои амалӣ, назоратбарӣ ва натиҷагирии раванди таълим ва азхудкунии барномаи таълимӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Зербоби дуюми боби дуюм **«Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ»** ном дошта, тавассути методи муқоисавӣ самаранокии истифодаи таҷрибаи қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он дар давлатҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хулосаҳои самарабахш пешниҳод карда шудаанд. Диссертант бар он назараст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи хориҷӣ имконият фароҳам меорад, ки тарзу роҳҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, пешгирии шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ ва кори тарбиявӣ дар фаъолияти кормандони МКД бозҳам беҳтар мегардад.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ муаллифи диссертатсия ба хулоса меояд, ки дар давлатҳои хориҷӣ ба сатҳу сифати таълим ва тарбия, мутобиқати нақшаҳо, барномаҳо, мувофиқат ва пайдарҳамии омӯзиши соҳаҳои ҳуқуқ ва дигар илмҳои омӯхташаванда барои кормандони МКД таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Муаллиф иброз менамояд, ки бартарияти раванди омоданамоии кормандони МКД дар давлатҳои хориҷӣ дар он зоҳир мегардад, ки аввал назария ва баъд амалия ба таври зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон, дар бештари кишварҳои ҷаҳон омӯзиши иловагии касбии кормандони политсия низ вуҷуд дорад, ки аз зарурати такмили ихтисос ва аз худ намудани малакаҳои иловагӣ ба миён омадааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Нақши технологияи иттилоотӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд»** диссертант иброз менамояд, ки дар замони кунунӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти инсоният, пешравӣ ва тараққиёти ҷомеаро бидуни технологияи комуникатсионӣ ва ё иттилоотӣ тасаввур кардан ғайри имкон аст.

Муаллифи дессертатсия иброз менамояд, ки технологияҳои иттилоотӣ яке аз воситаҳои муҳимми баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ буда, барои аҳолӣ роҳи соддаи дастрас намудани маълумотҳои ҳуқуқӣ мебошад. Инчунин, қайд мегардад, ки технологияи иттилоотӣ натанҳо як воситаи муҳим дар пешгирӣ, ошкорсозии ҳуқуқвайронкуниҳо барои кормандони МКД муҳим арзёбӣ мегардад, балки маҳз тавассути технология имкони ташаккул додани шуури ҳуқуқии касбӣ боз ҳам осон мегардад. Тавассути технологияи итилоотӣ метавон саривакт аз қонунҳои қабулгардида, тағйиру иловаҳои воридгардида, қарору фармоишот ва ғайра соҳиби маълумотҳои зарурӣ гардид, ки дар ниҳоят ба сатҳи шуури ҳуқуқии кормандони МКД таъсир хоҳад расонид.

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбии кор, инчунин дар таҳқиқоти диссертатсионии баррасишаванда якчанд масъалаҳои баҳсбарангез низ ба назар мерасад, аз ҷумла:

Дар саҳифаи 30-юми автореферат диссертант қайд менамояд, ки ки барои сари вақт дастрасӣ пайдо намудан аз қонунгузорӣ, санадҳои идоравӣ шакли истифодабарии сомонаҳои иҷтимоии иттилоотӣ бозҳам содда гардонида шавад. Аммо дар матни автореферат андешаи мазкур асоснокии худро наёфтааст. Аз ин рӯ, хоҳиш карда мешавад, ки муаллифи рисола ҳангоми ҳимоя нуктаи назари худро асоснок наммояд.

Эроди зикргардида аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонанд.

Диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад, унвонҷуй бошад арзандаи дараҷаи илмии дархостшуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи пажӯҳиши ҳуқуқи исломии Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Шосаидзода Ш.Ш.**

**Имзои Шосаидзода Ш.Ш.-ро тасдиқ мекунам: мудири бахши кадрҳо, ҳуқуқ ва корҳои махсуси Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Анҷуманова Г.А.**

БАХШИ ... ҲУҚУҚ ВА КОРҲОИ МАХСУС

**«24» 10 2024 с.**

Маркази исломшиносии дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, директор (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Шодмонӣ 58/1.; Тел.: +992 (837) 224-09-96).